**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Кӯлоб, 2023.**

Мавзӯи тадқиқотии интихобкардаи Исуфов Шердил Ватанович ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ муҳим аст. Омӯхтани саҳми таърихии меҳнаткашони ҶШС Тоҷикистон, махсусан вилояти Кӯлоб дар ғалаба бар Германияи фашистӣ барои нигоҳ доштани хотираи таърихии насли ҷавон хеле зарур аст. Зеро, дар ин ғалаба сокинони вилояти Кӯлоб низ ҳиссаи сазовор гузошта, корнамоии ҷангию меҳнатии мардуми ин вилоят шоёни таҳқиқ аст, аз ҷумла нақши хоҷагии қишлоқ дар кори бо озуқа таъмин намудани артиш ва аҳолии ақибгоҳ.

Дар замони Шӯравӣ саҳми ҳар як ҷумҳурии иттифоқӣ дар ғалаба бар Геманияи фашистиро муаррихон меомӯхтанд, аммо то имрӯз таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба рушди кишоварзии вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар таърихнигории ватанӣ сурат нагирифтааст, бинобар ин рисолаи мазкур аввалин кӯшиши довталаб дар ин самт мебошад.

Муаллиф аҳамияти мавзӯи интихобшударо муайян намуда, дуруст таъкид мекунад, ки омӯзиши таҷрибаи фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар шароити шадиди замони ҷанг, метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои сафарбар кардани захираҳои дохилии истеҳсолӣ, истифодаи усулҳои гуногуни навоварӣ ва сониян, таъсири танзими давлатӣ ба соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ хизмат намояд.

Зимни шиносоӣ бо автореферати Исуфов Ш.В. маълум мегардад, ки муаллиф як қатор маводҳои бойгониро, аз қабили Бойгонии давлатии таърихи навтарини Тоҷикистон ва Бойгонии давлатии вилояти вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлобро мавриди омӯзиш қарор дода ба гардиши илӣ ворид намудааст.

Лозим ба зикр аст, ки мавзуъ мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтааст ва рисолаи мазкурро ҳамчун кори илмӣ мувофиқ ва саривақтӣ арзёбӣ менамоям. Зеро, автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи хуби назариявӣ ва методологӣ анҷом дода шудааст, ки ин дар марҳалаи кунунии рушди илми таърихи ватанӣ хеле муҳим аст. Ҳамзамон, баррасиҳои муаллиф аз ҳар гуна ғаразҳои сиёсӣ дур буда, ҳақиқӣ ва таҳлилӣ мебошанд.

Автореферат мувофиқи талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, дар он мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои сатҳи гуногун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб), Федератсияи Россия (шаҳрҳои Маскав, Челябинск, Екатеринбург, Йошкар-Ола, Перм) ва Ҷумҳурии Қазоқистон (ш. Остона) ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод карда шуданд. Натиҷаҳои асосии илмӣ дар 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» ба талаботи КО А - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исуфов Ш.В. - сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ мебошад.

Муовини ректор оид ба илм ва татбиқоти
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инновасионӣ дар шаҳри Кӯлоб,
номзади илмҳои таърих, дотсент Исоев Собир Қурбоналиевич

Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент
С.Қ Исоевро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва коргӯзории
Донишкадаи технология ва
инновасионӣ дар шаҳри Кӯлоб: Шокиров Қ.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРГУЗОРӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ И ДЕЛОПРОИЗВОД

10.03.2023

**Суроға:** маҳалаи Борбад, ш. Кӯлоб вилояти Хатлон Ҷумҳурии Тоҷикистон Тел.: 83322-2 -13 -67, Факс: (83322)-2-08-46, E-mail www dtmik.tj, dtmik@list.ru